ФАРХУНДА

# ГАҲВОРАБАНДОН

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2004

ББК 2+4
М-50

***Ин китоб бо дастгирии***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов***
***ба табъ расидааст.***

Муҳаррир ***Юсуфҷон Аҳмадзода***
Мусаввир ***Зебо Давлатшоева***

М-50 ***Фарҳунда***. **Гаҳворабандон**. — Душанбе: "Адиб", 20 саҳ.

**М $\frac{4803540202-43}{М\ 501}$ 2004**

**© Фарҳунда, 2004 с.**



# ЭЙ ОФТОБ!

Аз пушти абр,
Эй офтоб:
Берун биё,
Афзун битоб!

Равшан шавад
То дидагон,
Аз остон
То осмон.

То парзанон
Гунҷишкҳо,
Пайдо шаванд
Аз ҳар кучо.

Эҳё шавад
Тирукамон,
Шодӣ кунад
Пиру ҷавон!



# МАНУ АБР

Ман шустам либос,
Куртаю палос.
Бинмудам пасон
Ба сим овезон.

Пайдо бишуд абр,
Абраки бадқаҳр
Борон фиристод,
Борон наистод.

Борон бештар шуд,
Ҳама ҷо тар шуд,
Палос ҳам тар,
Либос ҳам тар.

Чаро меборад?
Бовар надорад?
Ман ҳам калонам,
Шустан тавонам!

# ДУГОНА

Ман шудам ҳайрон:
Чаро Мадина
Ба боғчаамон
Наомад дина?

Имрӯз ҳам нест,
Сабаби ин чист?
Ҳамроҳи ман нест?
Пас ҳамроҳи кист?

Ногаҳ садо дод
Занги телефон,
Овози туро
Шунидам аз он.

«Дугона, бе ман
Танҳо намонӣ?
Анг мезанам ман
Аз меҳмонӣ…»

# МАРҶОНА

Марҷона даври гардан
Мӯҳраи рахшон надошт,
Дилакаш озурда буд,
Азбаски марҷон надошт.

Аммо марҷонҳо дорад
Бибикалони ҷонаш,
Даври гардан овезад
Бо дастони ларзонаш.

Ҳамели марҷонашро
Оё ба вай мебахшад?
Он гоҳ гирди гарданаш
Аҷиб зебо дурахшад!

Гӯян дугонаҳояш
Бо оҳанги шодона.
Бар гарданаш зебидаст
Марҷонҳои Марҷона.



# САМАРИ УМР

Он дастниҳолат, эй падарҷон,
Имрӯз дарахти пурсамар шуд.
Он шохаи боровар ба боғат
Бар дидаи халқ ҷилвагар шуд.

Бас ранҷи гарон кашидаӣ ту,
Парварда ниҳоли себу олу,
Дарвозаи бози боғат имрӯз
Чун боғи дили ту во ба ҳар сӯ…

Чун шохаи мевадор таъзим
Дар назди бузургии ту дорам.
Ман аз ту дарахти ёдгорам,
Сарсабз ба боғи рӯзгорам.

# СУРУДИ ВАРЗОБ

Бо манзари кӯҳсорат,
Бо ҷангалу гулзорат,
Барфи сари кӯҳсорат,
Хуршеди пуранворат...

Дилро ба хурӯш орӣ,
Чун чашма ба ҷӯш орӣ.

Бо файзи баҳоронат,
Бо чукрию торонат,
Бо резаи боронат,
Бо лаҳни ҳазоронат...

Дилро ба хурӯш орӣ,
Чун чашма ба ҷӯш орӣ.

Бо чаҳ-чаҳи мурғонат,
Бо оби фаровонат,
Бо чашмаи ҷӯшонат,
Бо ҳусни гулистонат...

Дилро ба хурӯш орӣ,
Чун чашма ба ҷӯш орӣ.

# ГАҲВОРАБАНДОН

Нинии ширин —
Шаҳзоди хандон.
Кардем ӯро
Гаҳворабандон.

Бин, аз лабонаш
Гулханда борад.
Дар хобакаш ҳам
Ӯ ханда дорад.



# БА УСТОД

Устоди мо мисли падар —
Ғамхори мо шому саҳар.
Моро сабақҳо медиҳад
Аз боби одобу ҳунар.

Ширин бувад гуфтори ӯ,
Некӯ бувад рафтори ӯ.
Шаҳроҳи мо равшан бувад
Аз дидаи бедори ӯ.

Ҳар гоҳ ки аз меҳри Ватан,
Аз мӯъҷизоти илму фан,
Аз қаҳрамонони замон
Гӯяд барои мо сухан...

Лабҳои мо хандон шавад,
Душвори мо осон шавад.
Чун чашмасори ин Ватан
Дилҳои мо ҷӯшон шавад.

# ОМӮЗГОР

Заҳмат кашад ӯ
Ҳар рӯзу ҳар шаб.
Ҳастии худро
Бахшад ба мактаб.

Як умр пуркор,
Як умр дилхун,
Дорад ба шогирд
Ихлоси афзун.

Ояд ба мактаб
Дил дар кафи даст.
Моро ба дониш
Умре бипайваст!

# ЗИМИСТОН

Фасли зимистон омад,
Бо барфи калон омад.
Бо шамоли тез омад,
Воҳимаангез омад.
Гунҷишкакон тар шуданд,
Бе касу музтар шуданд.
Бечора гунҷишкакон,
Овора гунҷишкакон –
Фирӯзаҷонро дида,
Гирдогирдаш парида,
Резаи нон мечинанд,
Давон-давон мечинанд.
Очам аз ин хурсанд аст,
Дар кори хона банд аст.



**МУНДАРИЧА**

Эй офтоб! .... 4
Ману абр .... 6
Дугона .... 7
Марҷона .... 8
Самари умр .... 10
Суруди Варзоб .... 11
Гаҳворабандон .... 12
Ба устод .... 14
Омӯзгор .... 15
Зимистон .... 16

**ФАРХУНДА**

# ГАҲВОРАБАНДОН

***(шеърҳо барои кӯдакон)***


| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Ш. Сангинмуродов*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 12.08.2004 супорида шуд. Ба чопаш 14.09.2004 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 70х90$^1/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 2,05. Ҷузъи рангаи шартӣ 2,05. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 2,9. Адади нашр 500 нусха. Супориши №16/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «***ЭҶОД***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.